Протоколи №2-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-118- и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 25-уми сентябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои
шуро 11 нафар

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Асомиддинзода Шарофиддин** дар мавзуи **«Шакл, мухтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Қаландариён Ҳоким Сафар**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо, диссертатсия ва автореферати Асомиддинзода Шарофиддин ба шурои диссертатсионӣ.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Асомиддинзода Шарофиддин ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти № 591 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **«Шакл, мухтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло**– доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Ҳошимова Хуршеда Абдуманноновна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э.